# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Мирбобоева Бибиваҳӣ Мирбобоевна дар мавзӯи «Ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосир», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст**

Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030" самтҳои асосӣ ва механизми дар амал татбиқ намудани тараққиёти низоми педагогиро дар ҷумҳурӣ тақвият бахшида, дар шароити ҷаҳони зудтағйирёбанда нақши таҳсилот ва фарҳанги педагогӣ ба рушд ва мустаҳкам гардидани пояҳои ахлоқиву маънавии шаҳрвандони Тоҷикистони соҳибистиқлол таъсири назаррас мерасонад.

Маълум мегардад, ки аксарияти таҳқиқгарон муносибатҳои гуногун ва ҷанбаҳои алоҳидаи ташкили раванди таълиму тарбияро дар марҳалаи ибтидоии таълим мавриди баррасӣ қарор додаанд. Вале, дар самти раванди таълим истифода намудани технологияҳои инноватсионӣ бо мақсади тарбияи муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосир асарҳои илмӣ кофӣ намебошанд.

Муаллиф дараҷаҳои илмӣ - навгонӣ, моҳияти назариявӣ ва амалии тадқиқотии худро бо мақсади рушди муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосир дар самти раванди таълим истифода намудани технологияҳои инноватсиониро муайян намудааст. Ба ақидаи муаллиф дар айни замон, таҳлили таҳқиқотҳо нишон медиҳад, ки муаммои роҳҳои истифода намудани технологияҳои инноватсионӣ дар илми педагогӣ ҳалли кофӣ наёфтааст, хусусан, ки он бо назардошти воқеияти имрӯза коркард нашудааст.

Таҳлилу истифодаи методҳои тадқиқотии педагогӣ, мақсаду вазифаҳои онро ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва озмоишҳои муқарраркунанда ва инкишофдиҳанда (тест, анкета, пурсиш, суҳбатҳо бо хонандагону волидайни онҳо, мушоҳидаҳо, омӯзиши роҳҳои ташаккули истифода намудани технологияҳои инноватсионӣ) тасдиқ менамояд.

Муаллиф боварӣ дорад, ки ҳангоми дуруст ба роҳ мондани шартҳои педагогӣ: асосҳои педагогии истифодаи техника ва технологияҳои муосири таълим дар марҳалаи ибтидоии таҳсилот барои рушди зеҳнии хонандагон дарёфт ва таҳия мегардад. Қобили зикр аст, ки то имрӯз дар ин замина силсилаи корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ анҷом дода шуданд.

Дар боби аввал «Ҳамкории омӯзгор ва волидон дар ташаккули системаи донишҳо, ҷаҳонбинӣ ва иҷтимоишавии хонандагон зимни истифодаи техника ва технологияи муосири иттилоотию педагогӣ» масъалаҳои мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои рушди техника ва технология дар доираи донишҳои назариявӣ, хусусиятҳои таъсири техника ва технологияи муосир ба ташаккули ҷаҳонбинӣ ва иҷтимоишавии хонандагон, ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосир баррасӣ гардидааст.

Дар боби дувум андешаҳои муаллиф доир ба «Шароитҳои педагогии ҳамкории муассисаи таълимӣ бо хонавода дар инкишофи муносибати мусбати хонандагон ба техника технологияҳои муосири иттилоотию педагогӣ» баён гардида, масъалаҳои ҳамкории мактаб ва хонавода – заминаи асосии ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосир, метод, тарз ва воситаҳои корҳои озмоишию таҷрибавӣ, мазмуну мундариҷаи корҳои озмоишии ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосир мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба масъалаҳои зикргардида маълумоти саҳеҳ ва таҳлилӣ пешниҳод гаштааст.

Мундариҷа ва мазмуни асосии таҳқиқоти гузаронидашудаи Мирбобоева Бибиваҳӣ Мирбобоевна дар автореферати диссертатсия инъикоси худро ёфтааст. Интишороти муаллиф нуктаҳои муҳим ва асосии таҳқиқотро дарбар мегирад.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Мирбобоева Бибиваҳӣ Мирбобоевна дар мавзӯи «Ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосир» ба талаботи Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мебошад.

Доктори илмҳои педагогӣ, профессори
кафедраи системаҳо ва технологияи
иттилоотии Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Мирзоев А.Р.

Суроға: 734025, г. Душанбе, ул. Борбад, 48/5. Тел:918636113 ;
E-mail: aziz69@mail.ru

Имзои Мирзоев А.Р.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Ҷураев Ш.Н.